№9 (156)
13 сентябри соли 2021

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН

Строительная газета

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года
Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

ДАР ИН ШУМОРА:

ИШТИРОК ДАР ТАНТАНАҲОИ ИДОНАИ ҶАШНИ 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР "НАВРӮЗГОҲ"-И ПОЙТАХТ



сах. 2

ИФТИТОҲИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ҚУБУРҲОИ ШИШАПЛАСТИКИИ "КОМПОЗИТ Т.А." ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



сах. 5

БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ПРОФИЛИ АЛЮМИНИЙИ ҶДММ "АЛЮМИН ПРОФ"



сах. 5

МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ



сах. 8

## СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР НАВРӮЗГОҲИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ



***Ҳамватанони азиз!***
***Ҳозирини гиромӣ!***

Ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиро ба ифтихори сиюмин солгарди истиқлоли давлатӣ - ҷашни бузургтарину муқаддастарини миллии мардуми шарафманди Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Бо ифтихору хушҳолии зиёд иброз медорам, ки ин ҷашни сарнавиштсозро тамоми сокинони мамлакат чанд рӯз инҷониб дар фазои сулҳу субот, бо руҳияи баланди ватандорӣ ва қаноатмандиву шукргузорӣ аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ таҷлил карда истодаанд.

Ин рӯзи муборак, ки дар саҳифаҳои таърихи навини Ватанамон бо хати заррин сабт шудааст, барои мардуми куҳанбунёду тамаддунсози мо санаи барқарор гардидани адолати таърихӣ, яъне соҳиби давлатдории мустақили миллӣ гардидани миллати тоҷик ва дар арсаи байналмилалӣ парафшон шудани парчами давлати тоҷикон мебошад.

Дар баробари ин, ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки то расидан ба ин рӯзгори осуда ва суботу оромии имрӯза мо марҳалаи басо пурталотуми таърихи навтарини худ ва роҳи пур аз хавфу хатарро паси сар намудем.

Дар робита ба ин, мехоҳам як нуктаи муҳимро таъкид созам, ки воқеаҳои фоҷиабори солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои миллати мо як имтиҳони ҷиддии таърихӣ буданд ва мо аз он давраи ниҳоят сангин барои имрӯзу ояндаи худ сабақҳои фаромӯшнашуданӣ гирифтем.

>>> **Идомааш дар саҳ. 2** >>>









# ИШТИРОК ДАР ТАНТАНАҲОИ ИДОНАИ ҶАШНИ 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР "НАВРӮЗГОҲ"-И ПОЙТАХТ

9 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар тантанаҳои бошукуҳи идонаи ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, ки дар "Наврӯзгоҳ"-и пойтахт баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ карданд.



Дар чорабинии идона шумораи зиёди сокинони пойтахт ва меҳмонони хориҷӣ иштирок намуданд.

Мавриди зикри хос аст, ки сокинони шаҳри Душанбе ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатиро бо комёбиҳои беназир истиқбол гирифтанд.

Танҳо давоми як соли охир пойтахти кишвар шаҳри Душанбе бо бунёди иншооти гуногуни маишӣ, маъмурӣ, истиқоматӣ, гулгашту хиёбон, майдончаҳои варзишӣ, азнавсозии боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва ғайра симои тоза ба бар кард.

Ҳамаи ин пешравиҳо бо ҷонибдории мардум аз сиёсати созандаи Ҳукумати кишвар ва талошҳову тадбирҳои роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба даст омадааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ сокинони пойтахт ва кулли шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ҳамватанони бурунмарзӣ ва меҳмононро ба ифтихори ҷашни муқаддаси миллиамон - сиюмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфтанд.

Ин рӯзи муборак, ки дар саҳифаҳои таърихи навини Ватанамон бо хатти заррин сабт шудааст, барои мардуми куҳанбунёду тамаддунсози мо санаи барқарор гардидани адолати таърихӣ, яъне соҳиби давлатдории мустақили миллӣ гардидани миллати тоҷик ва дар арсаи байналмилалӣ парафшон шудани парчами давлати тоҷикон мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки сабақи муҳимтарини солҳои вазнини ҳаёти халқамон исбот намуд, ки амалӣ шудани нияту орзуи ҳар як сокини мамлакат, пешрафти давлат ва ободии Ватан танҳо дар шароити сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ имконпазир мебошад. Бинобар ин шаҳрвандони Тоҷикистонро зарур аст, ки сарҷамъу муттаҳид бошанд, сулҳу суботи бо қимати ниҳоят гарон бадастовардаро ҳифз намоянд, манфиатҳои милливу давлатиро аз тамоми манфиатҳои дигар боло гузошта, ба хотири ободии Ватан, рушди давлат аҳлона заҳмат кашанд.

Дар охири суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар шаҳрвандони мамлакатро ба ифтихори ҷашни умумимиллӣ таҳният гуфта, барояшон саодати зиндагиро орзу намуданд.

Тантанаҳои ҷашни Истиқлолияти давлатӣ дар Наврӯзгоҳи пойтахт бо барномаи рангину пурмуҳтавои консертии устодони санъат ва ҳунармандон, ки таҷассумгари дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар буд, хушу хотирмон идома ёфт.

**www.president.tj**







# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР НАВРӮЗГОҲИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**<<< Идома аз саҳ. 1 <<<**

Сабақи муҳимтарини солҳои вазнини ҳаёти халқамон аз он иборат аст, ки амалӣ шудани нияту орзуи ҳар як сокини мамлакат, пешрафти давлат ва ободии Ватан танҳо дар шароити сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ имконпазир мебошад.

Яъне ҳамаи мо - шаҳрвандони Тоҷикистон вазифадор ва масъул ҳастем, ки сарҷамъу муттаҳид бошем, сулҳу суботи бо қимати ниҳоят гарон бадастовардаамонро ҳифз кунем, манфиатҳои милливу давлатиро аз тамоми манфиатҳои дигар боло гузорем ва ба хотири ободии Ватан, рушди давлат ва таъмин кардани зиндагии шоистаи халқамон содиқона, софдилона ва аҳлона заҳмат кашем.

Мехоҳам бо хушҳоливу ифтихор хотирнишон созам, ки мардуми бонангу номус ва ватандӯсту ободгари мо, аз ҷумла, ҷавонони ватанпарвар, соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони хайрхоҳу саховатпеша, хусусан, солҳои охир тамоми имконият ва саъю талоши худро барои ободии Ватан сафарбар кардаанд.

Имрӯз мебинем, ки симои кишвари азизамон аз пойтахти он - шаҳри Душанбе сар карда, то дурдастарин деҳаҳо ба таври куллӣ дигаргун шудааст, бисёр масъалаву мушкилоти иҷтимоии сокинон бартараф гардидааст ва сатҳу сифати зиндагии мардумамон хеле боло рафтааст.

Бори дигар таъкид менамоям, ки ба ҳамаи дастовардҳои то имрӯз ноилшудаамон маҳз истиқлоли давлатӣ шароит фароҳам овардааст.

Ба ин хотир, муқаддас доштани истиқлоли давлатӣ, ба ҷо овардани шукронаи давлати соҳибистиқлол ва Ватани озоду соҳибихтиёр вазифа ва қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа мебошад.

Зеро маҳз ба шарофати истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон дар фаъолияти созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ узвияти комилҳуқуқ ва як овози баробар дорад, ҷомеаи ҷаҳонӣ кишвари моро мешиносад ва пешниҳодҳои онро дастгирӣ менамояд.

Мо бояд ба қадри ин неъмати муқаддастарину азизтарини ҳаётамон расем, барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам таҳким бахшем.

Бори дигар тамоми ҳамватанони азиз, кулли сокинони пойтахт ва ҳамаи шумо - иштироккунандагони чорабинии идонаи имрӯзаро ба ифтихори ҷашни бузурги истиқлолу озодии давлати тоҷикон самимона табрику таҳният гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо тандурустӣ, хушбахтӣ, иқболи нек ва барои Ватани азизамон сулҳ, субот ва ваҳдати ҷовидона орзу менамоям.

Зиндаву поянда бод истиқлолу озодии Тоҷикистон!

Ҷовидон бод сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллии мардуми шарафманду тамаддунсози Тоҷикистон!

Ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!



# ИФТИТОҲИ БОҒИ ФАРҲАНГУ ФАРОҒАТИИ ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

26 августи соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Исмоили Сомонии шаҳри Турсунзода боғи фарҳангу фароғатии шаҳрро, ки аз нав сохта шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Боғи фарҳангу фароғатӣ дар маркази шаҳри Турсунзода дар масоҳати умумии 3,6 гектар, аз ҷониби соҳибкорони ташаббускори шаҳр бо тарҳи муосир ва унсурҳои шаҳрсозии миллӣ бо назардошти талаботи замони имрӯза ва санъати баланди меъморӣ бунёд шудааст. Фармоишгари иншооти фарҳангӣ,



ки ба ҳусни шаҳр зебоии хоса зам кардааст, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода мебошад.

Дохил ва роҳравҳои боғи навбунёд пурра бо гулу буттаҳои ороишию мавсимӣ сабзазор гардонида шуда, барои хуррамгардонӣ бештар аз 200 бех дарахти ороишӣ, 10 ҳазор гулҳои доимӣ ва 60 ҳазор мавсимӣ шинонда шудааст. Бо мақсади таъмини сабзиш ва нашъу намои дарахтон ва гулу буттаҳо обёрӣ гардидааст.

Бо мақсади зебову назаррабо гардондани боғи фарҳангӣ даромадгоҳ ва роҳравҳои он сафолакпӯш гардидааст. Мувофиқи нақшаи асосӣ дар ҳудуди боғ фаввора ва дигар таҷҳизоти дилхушкунанда насб гардидааст, ки аз ин пас сокинону меҳмонони шаҳри Турсунзода дар ин макон истироҳат менамоянд.

Дар дохили боғи нав қасри шоҳмот, амфитеатр бо 7 мағозаи фурӯши армуғон ва ҳунарҳои мардумӣ, шаҳраки афсонаи «Аладдин» бо ҷойгир намудани 12 аттраксион, ҳайкалчаҳои ҳайвонот, зиёда аз 200 таҷҳизоти равшанидиҳанда, нишастгоҳҳо, ду майдончаи варзишӣ бо 200 ҷойи нишаст ҷойгир карда шудаанд. Фароҳам овардани чунин шароит имконият медиҳад, ки наврасону ҷавонон вақти холигии худро босамар истифода бурда, ба варзиш машғул шаванд ва дигар имкониятҳои боғ пурсамар истифода баранд.

Инчунин дар ин ҷо лавҳаи ташрифи меҳмонони олиқадр ба шаҳри Турсунзода, қаҳрамонони меҳнат, муҷассамаи Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, ошхонаи миллӣ, 3 нуқтаи бозӣ ва ҳавзи шиноварии кӯдакона бунёд ёфтаанд, ки барои истироҳату фароғати сокинон муносиб мебошанд.

Дар дохили боғ амфитеатр низ сохта шудааст. Дар асоси лоиҳа амфитеатр дорои қариб 700 ҷойи нишаст буда, масоҳати умумии он 3 ҳазору 100 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

# ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



20 августи соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Фотеҳ Ниёзии ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт бинои нави Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои нави Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тарҳу шакли муосир дар маркази пойтахт бо ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қомат афрохт, аз зумраи иншооти ҷашнӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои имконоти фароҳи фаъолият барои тамоми кормандони Дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои зертобеи Вазорати молияи мамлакат аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави вазоратро туҳфаи арзишманди роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон ба ҳайати кормандон дар арафаи ҷашни муҳиму муқаддаси 30-солагии Истиқлоли давлатӣ арзёбӣ намуданд.

Фармоишгари иншоот «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бино дар асоси лоиҳаи ҶСК «ПИЛҶСАНИИОСП» қомат афрохт.

Бино аз 11 ошёна, 2 даромадгоҳи асосӣ ва 7 даромадгоҳи ёридиҳанда иборат аст. Дар таҳхонаи бинои нави Вазорати молия таваққуфгоҳ барои автомашинаҳо, ҳуҷраҳои техникии системаҳои гармидиҳӣ, ҳавотозакунӣ, сарднамоӣ, барқи камшиддат ва таҷҳизоти қуввагӣ, ҳуҷраи тақсимоти оби нӯшокӣ бо пойгоҳи автоматӣ ва ҳуҷраи мудофиаи гражданӣ ҷойгир карда шудааст.

Дар бино ошхона барои 120 ҷой, ҳуҷраю утоқҳои кории раёсатҳо, қабули шаҳрвандон, нуқтаи тиббӣ, толори компютерӣ, толорҳои маҷлис, Раёсати молияи шаҳри Душанбе ва кормандони дигар ташкилоту корхонаҳои зертобеи Вазорати молия, ки то имрӯз макони мувофиқи фаъолият ва шароити мусоиди кор надоштанд, ҷойгир карда шудааст. Толори муҳташаму барҳавои маҷлисгоҳ барои 300 ҷойи нишаст, толори машқ, қаҳвахона ва боғи зимистона аз имкониятҳои дигари бинои нав мебошад.





# ИФТИТОҲИ МЕҲМОНХОНАИ ЧОРСИТОРАДОР ДАР НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

20 августи соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт меҳмонхонаи «Сафо Душанбе»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ имконият мавҷуд буда, сатҳи баланди хизматрасонӣ барои будубош ва истироҳати меҳмонон аз қабили ҳаммом, ошхонаи алоҳида, утоқҳои фароғатӣ ва ғайра ташкил гардидааст. Дар ошёнаи 13-уми бино барои меҳмонони олиқадр қаҳвахонаи дорои беҳтарин шароит ва айвонча барои тамошо намудани зебоиҳои шаҳри Душанбе бунёд кардаанд.




Меҳмонхонаи чорситорадор бо тарҳи муосир ва бо назардошти санъати меъмории миллӣ ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ ва дар доираи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз тарафи соҳибкорони ватанӣ бунёд карда шудааст.

Иншооти замонавӣ аз 13 ошёна иборат буда, дорои 86 ҳуҷра мебошад. Ошёнаи 12-уми бино барои қабули меҳмонони олиқадр пешбинӣ шуда, дар он шароити беҳтарин фароҳам мебошад. Дар ин ошёна барои қабулҳои расмӣ дар сатҳи намояндагони воломақоми

Ҳамаи ҳуҷраҳои меҳмонхона бо лавозимоти зарурӣ, аз қабили рахти хоб, ҷевон, телевизорҳои замонавӣ ва ғайра таъмин гардида, ҷавобгӯ ба стандарти байналмилалӣ мебошанд.

Бунёди меҳмонхонаи нав бо шароити арзандаи қабул рушди бештари соҳаи сайёҳии мамлакатро таъмин менамояд ва дар ин замина 80 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ гардидааст. Дар бино ҳамчунин маҷлисгоҳ бо 85 ҷойи нишаст, толори машваратӣ, тарабхона барои қабули 80 нафар ва қаҳвахона ташкил карда шудааст.

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ГИМНАЗИЯИ №4 БАРОИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ"-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ



1 сентябр дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №4 барои хонандагони болаёқат"-и шаҳри Душанберо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Муассисаи боҳашамати таълимӣ аз 9 бинои панҷ ва чорошёна иборат буда, ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд ёфтааст ва барои 2500 нафар хонанда дар як баст пешбинӣ гардидааст. Гимназия дорои 109 синфхонаи замонавӣ буда, барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон шароити заруриву мутобиқ ба талаботҳои сатҳи ҷаҳонӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, ҷиҳати омӯхтани фанҳои дақиқ таълимгоҳ дорои лабораторияҳои замонавии фаннӣ, синфхонаҳои алоҳидаи химия, биология, физика ва табиатшиносӣ буда, барои гузаронидани таҷрибаҳои гуногун дар синфҳо аёниятҳои зарурӣ васлу насб гардидааст.

Дар муассиса таваҷҷуҳи хоса ба масъалаи забономӯзӣ зоҳир гардида, синфхонаҳои алоҳидаи омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ ва хитоӣ ташкил гардидааст. Ҳамчунин синфхонаи компютерии гимназия 200 компютер дошта, барои хуб омӯхтани таҷҳизоти мазкур қисмҳои иловагӣ ва тахтаҳои электронӣ насб карда шудааст.

Ба Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ба хотири омӯзиши касбу ҳунар, дар таълимгоҳ синфхонаҳои алоҳидаи таълими меҳнат оид ба коркарди чӯб ва метал ташкил гардида, ҳамчунин духтарон дар синфхонаҳои муҷаҳҳаз нозукиҳои дӯзандагӣ ва тарзи омода намудани ҳар гуна таомро меомӯзанд.

Айни замон дар таълимгоҳ фаъолияти маҳфилҳои драмавӣ, хореографӣ, омодасозии либосҳои замонавӣ, санъати тасвирӣ ва ҳайкалтарошӣ низ роҳандозӣ гардидааст.





# ИФТИТОҲИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ҚУБУРҲОИ ШИШАПЛАСТИКИИ “КОМПОЗИТ Т.А.” ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

28 август дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Композит Т.А.”-ро ифтитоҳ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки 17 сентябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маҳаллаи Чортеппаи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо гузоштани санги асос ба бунёди корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикии “Композит Т.А.” оғози расмӣ бахшида буданд.

Дар корхона зиёда аз 150 нафар бо ҷойи кории доимӣ таъмин шуда, дар як сол то 150 километр қубурҳои қутрашон гуногуни аз 300 то 3000 миллиметр истеҳсол мекунанд.

Истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ бори аввал дар кишвар ба роҳ монда мешавад. Маҳсулоти корхона ивазкунандаи воридот буда, баробари таъмини кишвар содироти он ба хориҷи мамлакат низ ба роҳ монда мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Композит Т.А.” корхонаи муштарак буда, дар ҳамкорӣ бо яке аз ширкатҳои бонуфузи озарбойҷонӣ - “Азкомпозит” таъсис дода шудааст.

Корхона тасмим гирифтааст, ки дар мӯҳлатҳои наздиктарин мутахассисони маҳаллиро тайёр кунанд, ки минбаъд маҳсулоти корхонаро бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол намоянд.

Таҳлилҳо нишон доданд ки истифодаи қубурҳои шишапластикӣ ҳангоми истеҳсоли он дар дохили кишвар аз лиҳози иқтисодӣ манфиатовар мебошад. Қубурҳои




мазкур новобаста аз дарозӣ ва ҳаҷм хеле сабук буда, аз лиҳози насбнамоӣ ва истифодабарӣ хеле содда ва осон аст. Инчунин, қубурҳои шишапластикӣ ба фишори баланд тобовар буда, оташбардор мебошад.

Барои истеҳсоли қубурҳо асосан маҳсулоти қуми кварсӣ, нахи шишагин ва қатрон истифода мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон конҳои қуми кварсӣ хеле зиёд ба назар расида, истифодаи васеи ин намудаи ашёи хом аз дохили кишвар ба нақша гирифта шудааст. Дигар намуди ашёи хом то пайдо намудани манбаи дохилӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад.

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ПРОФИЛИ АЛЮМИНИЙИ ҶДММ “АЛЮМИН ПРОФ“




26 август Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳиҳати ифтитоҳи як қатор иншооти ҷашнӣ ва боздид аз вазъи соҳаи кишоварзӣ ба шаҳри Турсунзода ташриф оварданд.

Нахуст Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳр марҳилаи аввали корхонаи истеҳсоли профили алюминийи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Алюмин Проф"-ро ба истифода дода, барои бунёди марҳилаи дуюми он санги асос гузоштанд.

Зимни боздид аз корхонаи азими "Алюмин Проф" гуфта шуд, ки коргоҳи навтаъсис имконият дорад дар як сол 7200 тонна алюминийро коркард намуда, аз он наздик ба 100 навъи маҳсулоти ниҳоии саноатӣ истеҳсол намояд. Дар корхона намудҳои гуногуни профилҳои алюминий барои истеҳсоли дару тиреза, профилҳо барои ороиши берунаи биноҳои баландошёна, ки бо истифода аз шиша оро дода мешаванд, қисмҳои алоҳидаи мебел, карнизҳои гуногун барои овехтани парда ва боз чандин номгӯйи маҳсулоти дигар истеҳсол карда мешавад. Ин номгӯйи маҳсулот асосан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар кишварҳо ворид карда мешавад ва бо фаъол гардидани "Алюмин Проф" имконият фароҳам меояд, ки талаботи бозори дохилӣ бо чунин навъи маҳсулот аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ қонеъ карда шавад. Дар ин баробар нарху навои он низ коҳиш дода мешавад.

Маҳсулоти ниҳоии корхона ҳамчунин таъиноти содиротӣ дошта, дар марҳилаи аввал ҳадаф аст он ба бозорҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба фурӯш баровarda шавад.

Зимни муаррифӣ иттилоъ дода шуд, ки марҳилаи дуюми иншооти мазкур дар зарфи ду соли оянда бунёд мегардад, ки ба ҳамин васила ҳаҷми истеҳсолот афзоиш дода мешавад. Бо ба истифода додани марҳилаи дуюм, дар маҷмуъ коркарди солонаи алюминий дар корхона ба 15 ҳазор тонна баробар гардида, шумораи кормандони ҷамъият аз 60 нафар ба 200 нафар расонида мешавад. Дар марҳилаи баъдӣ инчунин истеҳсоли номгӯйи нави маҳсулоти саноатӣ, ки аз алюминий омода мешавад, роҳандозӣ шуда, дар он низ хатҳои истеҳсолии муосиру ҷавобгӯ ба талаботҳои байналмилалӣ васлу насб мегардад.

**www.president.tj**





# САРВАЗИРИ МАМЛАКАТ ҚОҲИР РАСУЛЗОДА БО ҶАРАЁНИ КОРҲОИ СОХТМОНӢ ДАР НБО «РОҒУН» ШИНОС ШУД

Рӯзи 2 сентябри соли равон Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуд.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти дастаҷамъона ва дарки баланди масъулиятшиносии кормандони ин Кохи нур имкон фароҳам овард, ки ду агрегати Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба кор дароварда шавад ва агрегатҳои дигари ин иншооти азими гидроэнергетикии мамлакат низ мувофиқи нақша дар мӯҳлатҳои муайяншуда мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Имрӯзҳо корҳои сохтмонӣ дар Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» бо ҷӯшу хурӯш ҷараён дошта, 10 954 нафар бо истифодаи 3 181 техникаву механизми муосири соҳавӣ бо ҳисси баланд ба таври шабонарӯзӣ фаъолият намуда, ба бунёди иншооти бузурги гидроэнергетикии мамлакат саҳми худро гузошта истодаанд.

Аснои шиносоӣ бо рафти корҳои сохтмонӣ ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода иттилоъ дода шуд, ки айни замон корҳои бетонхобонӣ дар толори мошинҳо ва васлу насби анкерҳои АЖГ ба ПНА дар ин қитъа давом дорад.

Корҳои ҳаффорӣ дар нақбҳои ҷаббандаи №1-3 идома дошта, дар маҷмӯъ дар хачми 33 786 метри мукааб ба иҷро расидааст.

Дар баромадгоҳи нақби сохтмонии СТ-3 корҳои заминӣ ва мустаҳкамкории канораҳои кӯҳ идома дорад. То ин давра зиёда аз 4 млн 614 ҳазор метри мукааб корҳои заминӣ, 189 094 метр гузоштани анкерҳои ПНА ва АЖГ ва 198 226 метри мураббаъ пошидани маҳлулҳои бетонӣ иҷро гардидааст.

Корҳои сохтмону васлгарӣ дар нақби сохтмонии СТ-4 тибқи лоиҳа давом дорад.

Ҳаҷми умумии корҳои нақбканӣ бо дарназардошти нақбҳои дастрасӣ 631 201 метри мукааб, корҳои бетонхобонӣ 108 363 метри мукааб, гузоштани анкерҳои АЖГ 26 041 метр, корҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда 21 037 метр ва сементатсияи пуркунанда 52 171 метри мураббаъро ташкил медиҳанд.

Корҳои васлу насби оҳанфулузот



дар қисми камераи дарвозаҳои садамавӣ ва асосӣ идома дошта, дар ҳаҷми 550 тонна оҳанфулузот васлу насб гардидааст.

Корҳои заминии омода намудани обқабулкунакҳои асосӣ, роҳҳои дастрасӣ ба онҳо, тозаю ҳамвор ва мустаҳкам намудани фарози кӯҳҳо аз сатҳи 1 552 метр идома дорад.

Корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкунии муваққатӣ дар иншооти камераи васлгарии турбинаҳо ба анҷом расида, корҳои омодагӣ барои хобонидани бетони конструктивӣ идома доранд.

Корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкунӣ дар нақбҳои обрасони № 1,2,3,4, 5 ва 6 қисмати болоӣ идома доранд. Ҳаҷми корҳои нақбканӣ 92 936 метри мукааб ва ҳаҷми корҳои бетонхобонӣ 2 378 метри мукаабро дарбар мегирад.

Корҳои нақбканӣ дар шахтаҳои обрасони қисмати поёнӣ идома дошта, то ин давра дар ҳаҷми 35 509 метри мукааб ба анҷом расидааст. Ҳаҷми бетони хобонидашуда 104 метри мукаабро ташкил медиҳад.

Корҳои нақбканӣ дар шахтаҳои обрасони қисми болоӣ дар тарозӣ 1300 метр низ идома дошта, то ин давра дар ҳаҷми 12 344 метри мукааб корҳои нақбканӣ иҷро гардидааст. Ҳаҷми бетони хобонидашуда ба 404 метри мукааб баробар аст.

Дар нақбҳои ҷаббандаи №1, №2 ва №3 корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамнамоӣ бомаром ҷараён дорад.

Корҳои заминӣ ва хокбардории ҷинсҳои кӯҳии ғайрикондитсионӣ дар қисмати канораҳои чап ва рост барои омода намудани таҳкурсӣ идома дошта, дар ҳаҷми 1 505 метри мукааб ҷинсҳои кӯҳӣ кашонида бароварда шудааст.

Корҳои хобонидани шағалзамин дар сатҳҳои 1122м, 1125м ва ҷинсҳои кӯҳӣ дар сатҳи 1120м идома дошта, дар ҳаҷми - 242 199 метри мукааб мавод хобонида шудааст.

Корҳои заминӣ ва тоза намудани паҳлуҳои кӯҳҳо дар қисмати соҳили рости ядрои асосӣ дар сатҳҳои 1064м то 1054м ва корҳои заминӣ, тоза намудани паҳлуҳои кӯҳҳо, анкергузорӣ ва торкретпошӣ дар қисмати соҳили чапи ядрои асосӣ дар сатҳҳои 1110м ва 1077м ҷараён дорад.

Баъди шиносоӣ бо ҷараёни корҳо дар шаҳри Роғун тахти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ҷаласаи навбатии Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмон ва ба истифода супоридани иқтидорҳои НБО "Роғун" баргузор гашт.

Таъкид гардид, ки ҷараёни бунёди НБО "Роғун" тахти назорати бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, баҳри вусъат бахшидани корҳо дар ин самт имкониятҳои лозима марҳила ба марҳила фароҳам оварда мешавад.

Дар кори ҷаласа масъалаҳои муҳими ҷойдошта баррасӣ гашта, оид ба тезонидани корҳои сохтмонӣ ва дар мӯҳлати муайяншуда ба истифода супоридани агрегатҳои дигари Кохи нур аз масъулон ва шариконӣ рушд истифодаи мақсадноки шароити фароҳамгашта ва амалӣ сохтани нақшаҳои зарурию саривақтӣ талаб карда шуд.

Ҳамчунин дар ин рӯз Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кормандони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» мукофотҳои давлатиро супорид.

Дар маҷмӯъ 18 нафар, аз ҷумла, 13 нафар бо медали Хизмати шоиста, як нафар бо медали «Шафқат» ва 4 нафар бо ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Саҳм гузоштан дар бунёди иншооти муҳиму тақдирсоз - Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ки онро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Кохи нури Тоҷикистон» ва «ҳаёту мамоти мардуми тоҷик» номида буданд, барои ҳар як фарди худшиносу ватандӯст мояи ифтихор ва шарафмандӣ аст.

Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода дар рафти супоридани мукофотҳои давлатӣ таъкид намуд, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заҳмати содиқонаи ҳар як корманди ин иншооти бузурги гидроэнергетикии мамлакатро қадр менамоянд ва сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатӣ нишонаи сиёсати муваффақонаи роҳбарияти давлату Ҳукумати кишвар аст.

**АМИТ «Ховар»**



# ТАБРИКОТИ РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЗУВАЙДЗОДА МАҲМАДСАИД МАҲМУД БА КОРМАНДОН ВА СОБИҚАДОРОНИ СОҲАИ СОХТМОН ВА МЕЪМОРИИ МАМЛАКАТ БАХШИДА БА ИСТИҚБОЛИ 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



***Муҳтарам сохтмончиёну лоиҳакашон, меъморон, собиқадорони соҳаи сохтмон, истеҳсолкунандагони масолеҳи сохтмон ва ҳамкасбони азиз!***

Ҳамаи шуморо ба ифтихори сиюмин солгарди рӯйдоди бузурги таърихи навини кишварамон, яъне Рӯзи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям ва ба ҳар як Шумо рӯзгори ободу осуда, саодати зиндагӣ ва барору комёбӣ орзу менамоям.

Истиқлолият барои мардуми куҳанбунёди тоҷик арзиши муқаддасу сарнавиштсоз буда, тахти пурчами он хурду бузурги кишвар барои тақвияти пояҳои давлатдории навини худ бо азму талоши ватандӯстона заҳмат мекашанд ва дар зарфи сӣ соли истиқлолият дар ҷодаи расидан ба ҳадафҳои стратегии кишварамон ба дастовардҳои бесобиқа ноил гардидаанд.

Маҳз истиқлолият имконият фароҳам овард, ки мардуми Тоҷикистон тақдири худро ба даст гирифта, роҳи пешрафти минбаъда ва сарнавишти ояндаи сарзамини аҷдодии хешро мустақилона интихоб намоянд.

Ба ин маънӣ, истиқлолият неъмати бебаҳо, мояи ифтихор, манбаи худшиносӣ, сарчашмаи нерӯбахш ва омили бунёдии таҳкиму тақвияти пояҳои давлатдории миллии мо мебошад.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки солҳои аввали истиқлолияти кишвари азизи мо бар асари фитнаву дасисаи душманони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳо ба зарбаи даҳшатноку ҳалокатборе гирифтор шуд.

Дар он айёми фоҷиабор аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба як воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд.

Вале хушбахтона, мардуми кишвар дар атрофи Ҳукумати қонунӣ ва фарзандони бонангу номуси худ муттаҳид шуда, ягона роҳи дурусти таърихӣ, яъне эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявиро пеш гирифтанд.

Ҳарчанд ки бисёр мушкилу тӯлонӣ буд, вале бо талошу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат оташи ҷанги бародаркуш хомӯш карда шуд, сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ барқарор, рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул гардиданд ва барои рушдиояндаи давлат, ташаккули ҳисси миллӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум заминаҳои мусоид муҳайё карда шуданд.

Дастовардҳои бузурги мо дар тӯли 30 соли истиқлолият барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдор, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни ҳама табақаҳои ҷомеа мебошад.





Даврони истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Имрӯз бо гузашти айём мардуми Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамояд, ки истиқлолият муқаддастарин ва азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва нерӯи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон имкон дод, ки миллати куҳанбунёди тоҷик бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиву дастовардҳои назаррас ва бесобиқа шарафёб гардад. Муҳимтарин талабе, ки имрӯз дар назди ҳар сокини баномусу ватандӯсти кишвари мо қарор дорад, бо назари қадрдонӣ ба Ватани худ, миллати худ, Пешвои муаззами худ нигаристан мебошад, зеро танҳо бо чунин тарзи муносибат роҳи дурахшонтари ояндаи беҳтарро сохтан мумкин аст.

Боиси сарфарозии мост, ки мардуми шарифи Тоҷикистон аз баракати Истиқлолият дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо азму талош дар марҳилаи навини давлатсозӣ қадамҳои устувор гузошта, давра ба давра нақшаҳои азими бунёдкориро татбиқ менамоянд ва барои рушди бонизоми иқтисодиёти мамлакат ва рӯзгори осудаю шоистаи аҳолии кишварамон замина фароҳам меорад.

Аз ҷумла, кулли кормандони соҳаи сохтмон ва меъмории мамлакат иқдом гирифтаанд, ки фаъолияти худро бо пайравӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ ва ободии сарзамини аҷдодиамон саҳми ватандӯстонаи худро гузоранд.

Ободии Ватан ва осоиши мардум аз ҳар яки мо фаъолияти шабонарӯзӣ ва кори содиқонаву софдилона мехоҳад. Барои ин мо бояд бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо корҳои оғозкардаву нақшаҳои пешгирифтаамонро зина ба зина пеш барем ва барои тарафт беҳтар гардонидани сифати иншооти бунёдшаванда талош варзем.

Мо бояд раванди созандагиву бунёдкориро минбаъд низ ҳадафи асосии худ қарор дода, истифодаи самараноки ҳамаи воситаву захираҳои мавҷударо барои идома додани корҳои созандагӣ, рушди устувори иқтисодӣ, ободии диёр ва таҳкими имкониятҳои воқеии кишварамон таъмин намоем.

Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуда буданд: ***«... Мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд».***

Итминони комил дорам, ки сохтмончиён ва меъморони мамлакат аз уҳдаи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ бо сарбаландӣ баромада, дар самти боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани маҳбубамон саҳми муносиб мегузоранд.

Бори дигар тамоми кормандони соҳаи сохтмон ва меъмории мамлакатро ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон табрик гуфта, бароияшон тани сиҳат, ободии рӯзгор ва дастовард комёбиҳои минбаъдаро орзу менамоям.

Бигзор Истиқлолияти Тоҷикистон ҷовидона ҳамқадами миллати сарбаланди тоҷик бошад ва ҳамчун рамзи пойдории сулҳу субот, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ пайки дастовардҳои тоза ба тоза дар роҳи ободиву пешрафти кишвари азизамон гардад.

Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муборак, ҳамкасбони азиз!

**Бо эҳтиром,**
**Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Маҳмадсаид ЗУВАЙДЗОДА**



# МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ





31 август дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ходимони давлатӣ - роҳбарони ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, собиқ роҳбарони парламент ва аъзои Ҳукумати мамлакат, мукофотҳои давлатӣ супориданд.

Қабл аз оғози маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба муносибати ҷашни бузурги миллӣ 30-солагии Истиқлоли давлатӣ таҳният гуфта, таъкид намуданд, ки имрӯз шахсоне бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз мегарданд, ки саҳми онҳо дар тӯли сӣ соли даврони соҳибистиқлолӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва идораи давлатӣ назаррас ва арзишманд мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қадршиносӣ аз саҳми арзандаи собиқадорон ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар рушду пешрафти ҷомеа ва таҳкими сулху субот, таъкид доштанд, ки ҳар яки шумо барои ободии Ватани соҳибистиқлоламон, таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон ва пешрафти кишвари азизамон содиқона заҳмат кашидаед ва роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат имрӯз фаъолияти софдилонаи шуморо ба таври сазовору шоиста қадрдонӣ мекунанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо изҳори сипос илова ба мукофотҳои давлатӣ ба ҳама собиқадорон, барои кору фаъолияти ватандӯстонаашон миннатдории самимӣ баён карданд.

Ин қадршиносиҳои Пешвои муаззами миллат ва бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардиданро метавон подоши хизмати содиқона ба халқи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон маънидод намуд.

Ҳамин тавр, дар фазои тантанавӣ барои дастовардҳои баланди хизматӣ ва фаъолияти самаранок, саҳми арзанда дар пешрафти кишвар бештар аз 90 нафар ходимони давлатӣ - роҳбарони ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, собиқ роҳбарони парламент ва аъзои Ҳукумати мамлакат, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатӣ - Медали ҷашнии "30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, қадрдонӣ шуданд.

Дар арафаи ҷашни бузурги миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматҳои содиқонаи роҳбарони ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, собиқ роҳбарони парламент ва аъзои Ҳукумати мамлакатро бо Медали ҷашнии "30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қадр карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни супоридани мукофотҳои давлатӣ аз роҳбарони шохаҳои гуногуни ҳокимият ва сохторҳои идораи давлатӣ даъват ба амал оварданд, ки мардуми заҳматпеша, бонангу номус ва таҳаммулгарои кишварро сарварӣ намоянд, онҳоро ба ҳифзу таҳкими дастоварди бузургтарини даврони соҳибистиқлолӣ - сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ раҳнамоиву сафарбар созанд.

Бино ба таъкиди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, роҳбарон бояд намунаи заҳматкашӣ, ватандӯстӣ ва садоқат ба давлату миллат ва халқи Тоҷикистон бошанд.

Дар ин кори муҳим, инчунин, аз собиқадорон даъват ба амал оварда шуд, ки бо таҷрибаи зиёд дар роҳи тарбияи насли оянда саҳми ватандӯстонаи худро гузоранд, зеро ба андешаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи онҳо бо заҳмати содиқона дар ҷодаи ҳифзи манфиатҳои давлат ва миллат дар байни ҷомеа соҳиби эҳтирому обрӯ мебошанд.

Дар миёни бо мукофотҳои давлатӣ сарфарозшудагон Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмуд низ мебошанд. Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмуд барои дастовардҳои баланди хизматӣ ва фаъолияти самаранок, саҳми арзанда гузоштан дар пешрафти кишвар бо Медали ҷашнии "30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардиданд.

***Аҳли кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмудро, ки аз ҷониби роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат бо мукофоти олӣ қадрдонӣ гардиданд, самимона табрик менамоянд.***

# МУКОФОТИ ОЛӢ МУБОРАК!





Дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла, кормандони соҳаи сохтмон, илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар хизматчиёни давлатӣ барои хизматҳои шоиста ва дастовардҳои назаррас мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд. Дар қатори онҳо ду нафар ҳамкорони мо директори Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи "Корезлоиҳа" Худойдодзода Назар Худойнур ва директори Корхонаи воҳиди давлатии "Лоиҳакаш" Шарифзода Дилшод Шарифӣ барои саҳми арзанда гузоштан дар рушди соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмони мамлакат бо медали "Хизмати шоиста" сарфароз гардиданд.

***Аҳли кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Худойдодзода Назар Худойнур ва Шарифзода Дилшод Шарифиро бо ин мукофоти олӣ самимона табрик намуда, дар корҳояшон бахри рушди санъати меъморию шаҳрсозии Тоҷикистони соҳибистиқлол комёбиҳои беназирро орзу менамоянд.***

# БА КОРМАНДОНИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ СУПОРИДА ШУД

30 августи соли равон дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақдими мукофотҳои давлатӣ ба кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рушди соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмони мамлакат саҳми арзанда гузоштаанд, ҷамъомад доир гардид.

Дар ҷамъомад муовини сардори раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирзода Маҳмуд иштирок намуд.



Муовини Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Абдураҳмон дар сухани ифтитоҳии худ қайд намуд, ки соҳаи сохтмон ва меъморӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавқеи муҳим дошта, яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишвар ба ҳисоб меравад.









Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ таҳти сарварии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тӯли ин солҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як диёри шукуфон мубаддал гаштааст.

Сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ неъмати бузург ва муқаддасе мебошад, ки тамоми пешрафту комёбиҳои давлат ва саодати рӯзгори сокинони кишварамон аз он ибтидо мегирад.

Имрӯз дар сар то сари ҷумҳурӣ бунёди иншооти замонавӣ бомаром идома доранд, ки ин ҳама саҳми арзанда дар рушди иқтидори иқтисодии кишвар ва ободии Ватанамон мебошад.



Дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади қадршиносӣ ва заҳмату талошҳои кормандони касбу кори гуногун, дастовардҳо дар фаъолияти меҳнатӣ ва нишон додани натиҷаҳои хуби меҳнатӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони касбу кори гуногун бо мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ гардиданд.

Дар қатори ин шахсиятҳо кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ва Иттифоқи меъморони Тоҷикистон низ барои саҳми арзанда гузоштан дар рушди соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмони мамлакат бо мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ гардиданд, ки намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирзода Маҳмуд тақдим намуд. Инҳо: Олим Қурбонов корманди гурӯҳи лоиҳакашони Иттифоқи меъморони Тоҷикистон бо медали "Хизмати шоиста", Сафарзода Шариф муовини сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ бо медали "Хизмати шоиста", Нурзода Раҳмоналӣ сардори КВД "Ташхисгар" бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саломзода Муродбек Директори КВД "Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии "Сохтмон ва меъморӣ" бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирзоева Анор сардори шуъбаи мониторинги арзиши маҳсулотҳои сохтмонӣ, технологияи информатсионӣ ва таъминоти барномавии КВД "Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон" бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Пас аз супоридани мукофотҳо Каримзода Абдураҳмон иброз намуд, ки кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати корҳои лоиҳакашӣ, таъмини назорати давлатии сифати корҳои сохтмонӣ ва ба меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ҷавобгӯ будани онҳо, вусъат бахшидан ба раванди бунёдкорӣ ва ободу зебо кардани Ватани азизамон дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ қарор дода, ба дастовардҳои боз ҳам бештар ноил мегардем.

**"РБ"**



# ПОЗДРАВЛЯЕМ!

В соответствии с Указом Президента Республики Таджикистан от 23.07.2021, №213, за огромный вклад в развитие архитектуры и градостроительства республики, Юсупову Бахрому Нарзиевичу - председателю Союза архитекторов Таджикистана, профессору, академику московского отделения Международной Академии Архитектуры, и Международной Академии Архитектуры стран Востока, присвоено почётное звание "КОРМАНДИ ШОИСТАИ ТОҶИКИСТОН" (ЗАСЛУЖЕННЫЙ РАБОТНИК ТАДЖИКИСТАНА).

***Члены Правления Союза архитекторов Таджикистана поздравляют Бахрома Нарзиевича с правительственной наградой и желают ему творческого долголетия, здоровья, семейного счастья, новых ярких творческих побед, благополучия и огромных успехов в деятельности на благо развития архитектуры и градостроительства Республики Таджикистан.***

CMYK

# ПРОЕКТНО-КОНСТРУКТОРСКОМУ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОМУ





Административное здание ОАО «Сельтехпроект», главный архитектор проекта – Исматов Ш.Н.

Накануне празднования дня независимости республики мы провели беседу с архитектором, директором ОАО «Сельтехпроект», членом Правления Союза архитекторов Таджикистана, нештатным экспертом Управления государственной экспертизы, членом научно-технического Совета Комитета архитектуры и строительства при Правительстве Республики Таджикистан - Шамсиддином Исматовым и решили опубликовать в нашей газете полный текст нашего эксклюзивного интервью.

***- Уважаемый Шамсиддин Наджмутдинович, прежде чем начать нашу беседу о Вашей деятельности, хотелось бы, чтобы Вы рассказали пару слов о себе.***

- Прежде всего, хочу поблагодарить Вас за организацию данной встречи и беседы для эксклюзивного интервью. Я родился и вырос в поселке Ленинский одноименного района. Там же с 1980-го 1990-ие годы обучался в средней школе №189 имени А. Дехоти, в 1990-году поступил в кафедру архитектурного проектирования факультета ПГС Таджикского Технического Университета имени М. Осими. Успешно защитив свою дипломную работу 6-марта 1996 года, сразу же 27-марта того года, поступил на работу архитектором в хозрасчетное проектно-производственное архитектурно-планировочное бюро при главном архитекторе Ленинского района (ныне район Рудаки). Теперь данная организация называется ДП ГУП «Лоихакаш» в районе Рудаки. На тот момент главным архитектором Ленинского района был мой первый учитель и наставник, почетный архитектор Таджикистана - Бурхонов Хуршед Эркинович, который в данный момент является начальником Управления градостроительства Комитета архитектуры и строительства при Правительстве РТ. Первые свои практические навыки я освоил именно под его руководством.

Через год деятельности в этом бюро меня назначили начальником бюро. Затем к концу 2001-года меня перевели на должность директора ДП ГУП «Заминсоз» в Ленинском районе. С 2002-го по 2003-годы я немного проработал директором ООО «Архитектура». С 2003-го по 2004-е годы я работал главным инженером ДП ГУП ХМК «Водоканал» в Ленинском районе. С мая месяца 2004-года я перешел на работу в Управление государственной экспертизы проектов строительства. А начиная с 2008-года, по сей день, являюсь директором ОАО «Сельтехпроект».

***- Шамсиддин, уверена, что большинство наших постоянных читателей знает про проектную организацию «Сельтехпроект», которой руководите Вы, но всё же хотелось бы, чтобы Вы рассказали для молодой аудитории наших читателей коротко об этой организации.***

- Наша организация является ровесницей Независимости нашей республики. То есть, проектная организация, под названием «Проектно - конструкторский и технологический институт «Сельтехпроект» Республиканского объединения «Агропромтехснаб» Таджикской ССР» была организована Постановлением Кабинета Министров Таджикской ССР от 10-июня 1991 года, за №56. В первые годы существования института основной костяк штатных работников проектной организации составляло так называемое русскоязычное население республики. После распада некогда могущего СССР и с началом гражданской войны в республике начался массовый отток специалистов. Когда Приказом Госкомимущества Республики, за №179 от 14 мая 2005 года ПКТИ «Сельтехпроект» наряду с другими организациями республики был реорганизован как открытое акционерное общество, уже в штате организации оставались считанные сотрудники. Затем, в 2006 году организация была приватизирована и, получив статус частной формы собственности, вновь была перерегистрирована. С тех пор, на протяжении вот уже 15-и лет учредителем организации являюсь я сам. А наша организация является одной из самых «бородатых», среди частных проектных организаций республики. И по сегодняшний день организация действует и функционирует под своим первоначальным названием.

**В НОГУ С НЕЗАВИСИМОСТЬЮ**

***- У вашей организации в этом году круглая дата и Вы тоже отмечаете своё тридцатилетие. Пользуясь случаем, от своего имени и от имени редакции газеты «Рузномаи бинокорон» («Строительная газета») поздравляю Вас и в Вашем лице весь коллектив ОАО «Сельтехпроект» в юбилеем организации. Так, какие мероприятия Вы планируете в честь празднования 30-летия Вашей организации? Расскажите об этом.***

- Мы, совместно с Союзом архитекторов Таджикистана, по согласованию с Комитетом архитектуры и строительства при Правительстве Республики Таджикистан в этом году планируем организовать республиканский конкурс на тему «Лучший проект производственного и промышленного объекта». Самому уникальному проекту приурочен приз «Гран-при» с соответствующим дипломом. Далее заказаны дипломы 1-ой, 2-ой и 3-ей категории для победителей конкурса с памятными подарками от Союза архитекторов Таджикистана и от ОАО «Сельтехпроект». Для остальных участников конкурса планируется вручение свидетельств (сертификатов) в виде благодарности и так называемого поощрения. К благодарностям прилагаются сувенирные памятные подарки, посвященные юбилейной дате ОАО «Сельтехпроект».

Для оценки представленных конкурсных работ планируется привлечь членов Правления Союза архитекторов Таджикистана и опытных преподавателей кафедры архитектурного проектирования факультета «Строительство и архитектура» Таджикского технического университета имени М. Осими. Кроме того, планируется проведение научно-практического семинара (конференции), в честь 30-летия учреждения организации. В данной конференции предусмотрено выступление на тему архитектура Таджикистана за 30 лет независимости, на тему история формирования современной архитектуры Таджикистана, на тему роль негосударственных и частных отечественных проектных организаций в развитии новейшей архитектуры республики. По принятому совместному решению с Союзом архитекторов Таджикистана, для участия и выступления с докладами в семинаре будут приглашены видные деятели архитектуры республики, доктора и кандидаты архитектуры. Также в данной конференции будут проведены итоги республиканского конкурса и будут объявлены победители конкурса.

***- Вы сказали, что конкурс объявлен на тему «Лучший проект производственного и промышленного объекта». Чем вызван выбор такой темы и почему именно производство и промышленность? Ведь мы видим, что вокруг нас строятся одни высотные и многоэтажные здания лишь общественного и жилого назначения.***

- Да, Вы правы. Высотные и многоэтажные здания строятся в основном в столице и в городских центрах - в регионах. Однако, не должны забывать, что Основатель мира и согласия, Глава нации, наш многоуважаемый Президент Эмомали Рахмон в 2018 году во время своего ежегодного послания к парламенту страны именно индустриализацию республики назвал четвертой стратегической целью страны. И помимо высотных и многоэтажных зданий также параллельно строятся и индустриальные здания и сооружения. По этому, мы решили продемонстрировать лучшие проекты наших отечественных проектировщиков, выполненных за последние годы для индустриализации страны. Выявлять лучшие проекты производственных и промышленных объектов и давать им соответствующие оценки. Уверен, что данный шаг будет в дальнейшем поднимать стимул и мотивацию у молодых архитекторов, при выполнении проектов производственного назначения.

***- Когда планируете проводить конкурс, и где состоится организованная Вами научно-практическая конференция?***

- Вполне предсказуемый и уместный вопрос. Мы, с Председателем Союза архитекторов Таджикистана - уважаемым Юсуповым Б.Н. приняли решение, что будет целесообразным провести данное мероприятие ко дню или накануне Всемирного Дня архитектуры. Должен отметить, что начиная с 1996 года Всемирный день архитектуры отмечается каждый год в первый понедельник октября. И в этом году эта дата выпадает на 4-е число октября. В этой связи хотелось заручиться Вашего содействия, в информационной поддержке для распространения и объявления условий данного конкурса. Так как, газета «Рузномаи бинокорон» «Строительная газета») является единственным из числа отечественных СМИ профильным печатным изданием.

# ИНСТИТУТУ ОАО «СЕЛЬТЕХПРОЕКТ» ИСПОЛНИЛОСЬ 30 ЛЕТ!

***- Как правило, большинство организаций, накануне празднования своего юбилея рапортует о своих достижениях, о выполненных планах, в период своей деятельности, с гордостью рекламирует свои успехи. Скажите, а с каким «багажом», и с какими достижениями и успехами ОАО «Сельтехпроект» подошло к своей юбилейной дате?***

- Да, Вы правы. В масштабе того, что городу Душанбе еще нет ста лет, а республика отмечает всего 30-летие своего суверенитета, в данном случае для нас 30 лет - это большой срок. Организация всю свою деятельность идет в ногу с независимостью республики. За этот период многое сделано со стороны специалистов нашей организации. Всех наших работ не перечислить в данной статье. Сотни административно-общественных зданий, тысячи жилых объектов, десятки промышленных и производственных объектов в городах и районах республики построены по чертежам нашей организации.

Главной гордостью нашей организации является проект производства работ для строительства 165-метрового флагштока, расположенного у «Дворца нации» в городе Душанбе. Который из-за своей высоты был зарегистрирован в Книге рекордов Гиннеса, как самый высокий флагшток в мире. При проектировании данного объекта по трудовому соглашению конструктивные расчеты и чертежи выполнил опытный специалист ОАО «САНИИОСП» - Насруллоев Х. Также при разработке данного проекта по трудовому соглашению научным консультантом участвовал тогда еще заместитель директора Института сейсмологии АН РТ - Ясунов П.А.

Проект одного из заводов - крупнейших производителей гипсокартона в республике под известным брендом «Хуа-Ксин» разработан специалистами ОАО «Сельтехпроект». Главным инженером проекта является Шодиев А.

Проект одного из главных заводов по производству пеноблоков и газоблоков в республике под брендом «Хишти сабук» также разработан в ОАО «Сельтехпроект». Главным архитектором проекта был я сам. Заводы по производству кондитерских изделий под известным брендом «Амири», по производству мясных, колбасных и консервных изделий под известным брендом «Покиза», предприятие по производству молочных изделий, фабрика по производству памперсов и многое другое построено по проектам ОАО «Сельтехпроект». Главным архитектором которых является Нишанов А.А. - обладатель Золотого диплома победителя от Союза архитекторов Таджикистана.

Проект фабрики по переработке шелкопряда в Хатлонской области, проект предприятия по производству кровельных материалов в свободной экономической зоне «Дангара»,



**Здание гипермаркета при заводе по выпуску молочных продуктов по улице М. Махмадали №4, г. Душанбе. Главный архитектор проекта Нишанов А.А.**

проект главного корпуса подсобных зданий фирмы «Ромсар», проекты производственных, подсобных и технических корпусов предприятия по добыче золота под брендом «СП Зарафшон», проекты нескольких автозаправочных станций фирмы «Газпром» выполнены нашим институтом. Главным инженером проектов является Тошматов Б.А.

При выполнении нескольких проектов многоэтажных и высокоэтажных зданий, также крупных жилых комплексов в городе Душанбе, проектов средних общеобразовательных школ и дошкольных учебных заведений, проектов медицинских, административных и общественных зданий главным архитектором является Хамраев У.И. - обладатель золотого и бронзового дипломов победителя конкурсов от Союза архитекторов Таджикистана.

***- Каковым является география проектов, реализованных Вашей организацией? Охвачены ли все регионы республики, где могут быть расположены объекты, выполненные специалистами ОАО «Сельтехпроект»?***

- Безусловно. По нашим проектам реализуются строительства объектов, не зависимо от географического месторасположения населенного пункта. Начиная от таджикско-афганской границы на южных рубежах республики, где по нашим чертежам построены несколько объектов пограничных застав, до северных границ имеются объекты, построенные по проектам ОАО «Сельтехпроект». Из числа значимых объектов могу привести в пример проекты зданий инфекционных корпусов в Муминабадском и Рушанском районах, проекты туберкулёзных центров в районах Шаартуз, Таджикабад, Восе, проект здания Хукумата Тавильдаринского района, проекты центральных рынков в Гиссаре, в Рудаки и в районе Кухистони Мастчох. Кстати, по поводу строительства центрального рынка в поселке Мехрон района Кухистони Мастчох хочется добавить, что заказчиком строительства была Программа Развития ООН в Таджикистане. На тот момент инженером ПРООН работал архитектор - Олим Курбанов, ныне профессор московского отделения Международной Академии Архитектуры, вопросы по выбору участка, по выбору местного строительного материала и в целом концепцию самого проекта мы с ним рассматривали вместе и согласованно. Накануне нашей с Вами беседы Курбанову О. вручили медаль и государственную награду "Хизмати шоиста" (Доблестный труд). Пользуясь случаем, с трибуны Вашей газеты, от имени коллектива нашей организации еще раз поздравляю его с этой наградой.

***- Газета «Рузномаи бинокорон» («Строительная газета») по сути, также считается детищем ОАО «Сельтехпроект». Возникновение редакции газеты произошло именно по Вашей инициативе и первые номера газеты опубликовывались на средства ОАО «Сельтехпроект». Расскажите вкратце нашим читателям, как всё происходило в те годы.***

- Да, действительно идея создания профильной газеты в нашей республике была нашей. Первоначально нами было выбрано рабочее название новой газеты, она должна была называться «Строительной газетой». По согласованию с Директором Агентства по строительству и архитектуре (прим. ред. тогда так называлась должность первого лица Комитета архитектуры и строительства при Правительстве РТ) Комиловым А.Х., мы получили необходимые разрешения на издание новой газеты. Проконсультировавшись с моим уважаемым наставником Джумой Зокиром, (прим.ред. на тот момент начальник Управления государственной экспертизы) мы пригласили достойного специалиста - Табарову Дилбар Нуровну, то есть, Вас. Таким образом, ОАО «Сельтехпроект» официально стало учредителем первой, в истории республики, профильной газеты - газеты созидателей, строителей и архитекторов Таджикистана. Первый номер газеты, выпушенный в честь дня строителя, был ярким, красочным, праздничным и полным интересных статей. Презентация же газеты состоялась в день заседания коллегии, когда со всех уголков республики прибыли участники коллегиального заседания. Помнится, как в своем выступлении на том заседании коллегии, директор Агентства Комилов А.Х. с гордостью отметил, что теперь и в нашей отрасли появилась своя пресса. С тех пор изменилось многое. Теперь редакция газеты является государственным учреждением при Комитете по архитектуре и строительству при Правительстве РТ. В 2017-ом году редакция газеты скромненько отметила своё десятилетие - юбилей первой круглой даты.

***- За какие заслуги Вам удалось стать руководителем группы одной из больших областей республики?***

- По ступенькам. Вначале в 2004-ом году я был простым специалистом, затем ведущим специалистом. А к 2006-ому году я уже был главным специалистом. Первоначально, когда начальником Управления был Мухамеджанов И. (прим.ред. ныне начальник одного из Управлений Комитета архитектуры и строительства), мне доверяли рассматривать и составлять экспертные заключения на малоэтажные здания. Далее, когда начальником Управления стал Раджабов У.Н., я уже начал успешно составлять экспертные заключения на более сложные и уникальные объекты. Помню, как под руководством устода Раджабова У.Н. при участии почетного архитектора Таджикистана и на тот момент главного архитектора ОАО «Гипрострой» - Примкулова Э.М. (прим.ред. ныне ОАО «Шахрофар») мы рассматривали чертежи уникальнейшего объекта - «Дворца нации».

Кстати, я и до сих пор являюсь экспертом в Управлении государственной экспертизы, но, теперь уже в качестве нештатного эксперта. Я рассматриваю одни из важнейших разделов рабочей документации - это разделы «ГП» (генеральный план), «АР» (архитектурные решения), ТХ (технологические решения) и ПОС (проект организации строительства). Ежегодно на более чем ста объектов мною составляются локальные экспертные заключения. Среди них имеются множество значимых для таджикистанцев объектов. Проектная документация таких зданий, как «Дворец Нации», гостиницы «Hyatt Regency Dushanbe», «Hilton-Dushanbe», «Asia-Grand», «VEFA-центр», Бизнес-Центр «Созидание», здание Министерства образования и науки РТ, жилые комплексы «Пойтахт-80», «Qatari Diar Real-Tajikistan», «Ёкут-2000», «Шох-Палас», «Саодат» и многие другие, «Почтаи Точик», «ТЭЦ-2», комплекс «Наврузгох», «Talco-Gold», аквапарки «Кули Душанбе» и «Дельфин», рынки «Куруш», «Корвон», «Ганчина», «Панчшер», «Сиёма-Молл», санаторий «Бахористон»,

>>> Продолжение на стр. 15 >>>

# СОЛИ 2021 ДАР МИҚЁСИ ИДМ «СОЛИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ» ЭЪЛОН ГАРДИДААСТ








Соли 2021 дар миқёси кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ эълон гардидааст. Дар иртибот ба ин аз ҷониби Шӯрои Сарони Ҳукуматҳои ИДМ нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар Иттиҳоди давлатҳои Мустақил тарҳрезӣ гардидааст. Тибқи он дар давлатҳои аъзои ИДМ чорабиниҳои гуногун аз қабили, ташкил ва гузаронидани Шӯрои байниҳуматӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмон дар ИДМ, таҳия ва нашри албоми махсус доир ба беҳтарин барандагони озмуни меъморӣ дар кишварҳои ИДМ бахшида ба Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ, гузаронидани конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Дастовардҳо, мушкилот ва тамоюли муосири шаҳрсозӣ дар ИДМ», озмуни меъморӣ ва шаҳрсозӣ бо иштироки меъморони ҷавони давлатҳои ИДМ ва ғайра дар назар дошта шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар сатҳи баланди омодагӣ таҷлил намудани «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» Кумитаи тадорукот таъсис дода шудааст. Тавре дар суҳбат ба хабарнигорамон муовини Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Файзуллозода, ки ҳамзамон раиси Кумитаи тадорукот оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» мебошад, гуфт, ки бо мақсади дар сатҳи баланд таҷлил намудани «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» дар давлатҳои ИДМ нақшаи чорабиниҳои илмию амалӣ, фарҳангӣ ва оммавӣ тарҳрезӣ гардида, бо Фармоиши Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони нази Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмасаид Зувайдзода тасдиқ гардидааст. Тибқи он ташкили омӯзиши мутахассисони ҷавони соҳаи меъморӣ дар хориҷи кишвар, чорабиниҳои эҷодии ташкилоту идораҳои дорои фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозӣ, ташвиқи санъати меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва ташкили рӯзҳои «Эҷодии меъморӣ» дар боғҳои фарҳангу фароғатии шаҳри Душанбе ва вилоятҳо, иштироки меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳое, ки бо қарори Шӯрои сарони кишварҳои ИДМ гузаронидани онҳо дар кишварҳои ИДМ муқаррар гардидааст, дар назар дошта шудаанд. Инчунин ташкили семинару омӯзишҳо дар шаҳру ноҳияҳо доир ба «Рушди меъморӣ ва шаҳрсозӣ», баргузор намудани



ҳамоиши байналмилалии «Ҷоизаи Оғо Хон дар соҳаи меъморӣ бо иштироки меъморони кишварҳои ИДМ дар Душанбе, машварати Шӯрои ҳамоҳангсозии Ассотсиатсияи байналмилалии Иттифоқи меъморони кишварҳои ИДМ + Гурҷистон, Украина ва Сербия (МАСА) дар Душанбе, ташкили намоиш-озмуни байналмилалии МАСА «Беҳтарин асарҳои меъмории ИДМ», нашри китоб доир ба санъати меъмории Тоҷикистон ва албоми «Беҳтарин асарҳои меъмории лоиҳакашон», инчунин ташкили Фестивал бахшида ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 85-солагии Иттифоқи меъморони Тоҷикистон ва соли 2021 соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ бо намоиш пешбинӣ гардидаанд. Дар доираи эълон гардидани соли 2021 Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва бинои факултаи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Иттифоқи меъморони Тоҷикистон гӯшаҳои «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» ташкил гардидаанд.




Мавриди зикр аст, ки дар «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» дар миқёси ИДМ Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба истифода дода шудани наздик ба 580 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ дар нимсолаи аввали соли равон дар кишвар хабар медиҳад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки дар ин давра фондҳои асосӣ ба маблағи беш аз 1,6 миллиард сомонӣ ба кор андохта шуда, иҷроиши корҳои сохтмонию васлгарӣ беш аз 5,4 миллиард сомониро ташкил дод. Ҳамзамон дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои 8750 ҷойи нишаст, беморхона барои 140 кат, дармонгоҳ барои 340 қабул дар як баст ва муассисаҳои томактабӣ барои 635 ҷой ба истифода дода шудаанд.

Айни замон аз 65 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳияи нақшаҳои генералии 64 шаҳру ноҳияҳо пурра ба анҷом расида, бо қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ ва мавриди амал қарор доранд. Таҳияи лоиҳаи Нақшаи генералии ноҳияи Данғара ба анҷом расонида шуда, дар мувофиқа қарор дорад. Аз 65 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ лоиҳаҳои муфассали банақшагирии 10 марказі шаҳру ноҳияҳо тасҳеҳталаб буда, дар соли гузашта ва нимсолаи аввали соли равон таҳияи лоиҳаи муфассали банақшагирии қисматҳои алоҳидаи марказҳои ноҳияҳои Ёвон, Ховалинг ва Ишкошим пурра иҷро гардида, баъди баррасӣ дар Шӯрои шаҳрсозии Кумита барои баррасии минбаъда ва тасдиқ ба Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои зикргардида супорида шуданд. Таҳияи лоиҳаи муфассали банақшагирии қисми марказии шаҳри Хоруғ, маркази ноҳияҳои Вахш, Балҷувон, Левакант ва Дӯстӣ ба анҷом расонида шуда, барои баррасӣ ва мувофиқасозӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикршуда пешниҳод гардидаанд.

**М. САИДЗОДА**



# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида ба 30-солагии таъсисёбии ҶСК «Селтехпроект» ва ба муносибати эълон гардидани соли ҷорӣ, ҳамчун «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил, бахри ҷалб намудани диққати омма ба ҳадафи чоруми стратегияи давлатӣ, оид ба саноатикунонии кишвар, ки аз ҷониби Пешвои Муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ - мухтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон карда шудааст, ҶСК «Селтехпроект» дар якҷоягӣ бо Иттифоқи меъморони Тоҷикистон озмуни умумиҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Лоиҳаи беҳтарини иншооти саноатӣ ва истеҳсолӣ»-ро эълон менамоянд.

### ШАРТ ВА ТАЛАБОТИ УМУМИИ ОЗМУН

#### Талаб ва мақсади асосӣ

Озмун пеш аз ҳама бо мақсади дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ташвиқ намудани корҳои амалигардонии ҳадафи чоруми стратегияи давлатӣ, оид ба саноатикунонии Тоҷикистон, ташкил карда мешавад.

Озмун ва натиҷагирии он дар асоси принсипҳои баробарии ҳуқуқ ва эҷоди озодона, бо назардошти ташвиқи рушди санъати меъморӣ баргузор мегардад.

Омӯзиши лоиҳаҳои пешниҳодшуда ва таҳлили натиҷаҳои озмун тибқи меъёрҳои муқарраргардида сурат мегирад.

Дар ҷараёни баргузорӣ ва ҷамъбасти озмун, фикру андешаҳои ҳар як аъзои жюрӣ, ки аз ҳисоби мутахассисони варзидаи соҳа, аъзоёни Раёсати Иттифоқи Тоҷикистон, устодони кафедраи меъморӣ ва дизайн ҷалб карда мешаванд, ба инобат гирифта мешаванд.

Мавзеи ҷойгиршавии иншооти лоиҳавӣ бемаҳдуд буда, иншоот дар дилхоҳ минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шуда метавонад;

Бо мақсади интихоб намудани ғолиби озмун талаботи зерин ба инобат гирифта мешавад:

- бино ё ки иншооти лоиҳавӣ таъйиноти истеҳсолӣ ё ки саноатӣ доштанаш шарт мебошад.
- шакл, симо ва ҳалли меъмории бино (ё ки иншоот) баҳогузорӣ карда мешавад;
- иқтидорнокии истеҳсолӣ (ё ки саноатӣ) ва нишондодҳои техникию иқтисодии иншооти пешниҳодшаванда баҳогузорӣ карда мешавад;

#### Номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пешниҳод

Барои озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- мактуби ёддоштӣ дар шакли озод на зиёда аз 2 саҳифа, бо тавзеҳи мухтасари меъморӣ ва техникии иншоот;
- лоиҳаи иншоот дар планшетҳои аз варақҳои ПВХ омодагардида, дар андозаҳои 600 х 800мм (ё ки 1200 х 800мм);
- дарҷи номгӯи пурраи иншоот, номгӯи ташкилоти лоиҳакашӣ, соли таҳия ва ному насаби муаллифи лоиҳа яке аз кунҷҳои планшет;
- дар мавриди пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои озмун, пешниҳод намудани амсилаи лоиҳа мумкин мебошад;
- лоиҳаҳое, ки ба озмун бо вайрон кардани шартҳои мазкур, ё ки пас аз мӯҳлати пешбинигардида пешниҳод мегарданд, баррасӣ карда намешаванд.

#### Мӯҳлати пешниҳоди лоиҳаҳо

Ҳуҷҷатҳои хоҳишмандон барои иштирок дар озмун аз санаи 13 сентябр то 1 октябри соли ҷорӣ ба идораи Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод, 1 пешниҳод карда мешаванд.

Лоиҳаҳои ба озмун пешниҳодгардида рӯзи 2-октябри соли 2021 аз ҷониби жюри баҳодиҳӣ карда мешаванд. Ба ҳайати жюри якчанд аъзоёни Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, устодони кафедраи меъморӣ ва дизайни Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ ва меъморони собиқадор ҷалб карда мешаванд.

#### Мукофот барои ғолиби озмун

Мукофот барои ғолибони озмун ба таври зерин муайян карда мешавад:

- барои лоиҳаи ҷойи якум, ба муаллифи лоиҳаи олитарин, ки ҳамчун лоиҳаи аз ҳама беҳтарин дониста мешавад, шоҳҷоиза - ба истилоҳ «Гран-при» бо тӯҳфаи хотиравӣ мукофотонида шуда, Дипломи дорандаи шоҳҷоизаи озмуни умумиҷумҳуриявӣ тақдим карда мешавад.
- барои лоиҳаи ҷои дуюм - тӯҳфаи хотиравӣ ва Дипломи дараҷаи 1-ум дар варақаи тиллоранг;
- барои ҷои сеюм - тӯҳфаи хотиравӣ ва Дипломи дараҷаи 2-юм дар варақаи нуқраранг;
- барои ҷои чорум - тӯҳфаи хотиравӣ ва Дипломи дараҷаи 3-юм дар варақаи бо ранги биринҷӣ.
- ба ғолибон ғайр аз дипломҳо, инчунин, тӯҳфаҳои хотиравӣ ҳадя карда мешаванд.
- барои ҳавасмандгардонии иштирокчиёни дигари озмун Сипосномаҳо дода мешаванд.

Талаботи озмун ва натиҷаҳои баргузории озмун тавассути «Рӯзномаи бинокорон», сомонаи интернетии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар саҳифаҳои фейсбукии Иттифоқи меъморон ва ҶСК «Селтехпроект» эълон карда мешавад.

Натиҷагирии озмуни мазкур ва маросими супоридани мукофотҳои хотиравӣ ба иштирокчиён ва дипломҳои ғолибон дар Рӯзи байналхалқии меъморӣ, ки имсол ба 4-октябр рост меояд, дар идораи Иттифоқи меъморони Тоҷикистон баргузор карда мешавад.

# КОНФРОНСИ ИЛМӢ-АМАЛӢ БАРГУЗОР МЕГАРДАД



Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида ба 30-солагии таъсисёбии ҶСК «Селтехпроект» ва ба муносибати эълон гардидани соли ҷорӣ, ҳамчун «Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ» дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бахри ҷалб намудани диққати омма ба ҳадафи чоруми стратегияи давлатӣ, оид ба саноатикунонии кишвар, ки аз ҷониби Пешвои Муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ - мухтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон карда шудааст, пажуҳишгоҳи лоиҳакашии конструкториву технологии ҶСК «Селтехпроект» дар якҷоягӣ бо Иттифоқи меъморони Тоҷикистон баргузоркунии конфронси илмӣ-амалиро ба нақша гирифтаанд. Конфронси мазкур тибқи Протоколи оид ба ҳамкорӣ, ки байни ҶСК «Селтехпроект» ва Иттифоқи меъморони Тоҷикистон аз 1-сентябри соли ҷорӣ мувофиқа шудааст, мутобиқи банди 4-уми Фармоиши Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №127/ф аз 25.06.2021 сол ва дар асоси мактуби Кумита, таҳти №3/1174 аз 25.05.2021 сол, ташкил карда мешавад. Дар конфронс иштироки намояндагони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони ташкилотҳои лоиҳакашӣ, Раёсати экспертизаи давлатӣ, устодони кафедраи меъморӣ ва дизайни Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, аъзоёни Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, намояндагони варзида ва собиқадори соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ пешбинӣ карда шудааст. Чорабинии мазкур дар Рӯзи байналмилалии меъморӣ - 4-уми октябри соли ҷорӣ, дар бинои Иттифоқи меъморони Тоҷикистон баргузор мегардад.

Дар конфронси мазкур маърӯзаҳои илмӣ аз ҷониби устодони собиқадори Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, дар мавзӯи рушди соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар 30 соли истиқлолият, маърӯзаи ҳисоботӣ аз ҷониби намояндаи ҶСК «Селтехпроект», дар бораи 30 соли фаъолияти пажуҳишгоҳ, маърӯза дар бораи нақши соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар тараққиёту пешрафти ҷомеа, аз ҷониби намояндаи Иттифоқи меъморони Тоҷикистон ва суханрониҳои дигар иштирокчиёни конфронс ба нақша гирифта шудаанд.

Инчунин, дар мавриди конфронс маросими мукофотонии бо тантанаи ғолибони озмуни умумиҷумҳуриявӣ, ки дар мавзӯи «Лоиҳаи беҳтарини иншооти саноатӣ ва истеҳсолӣ» эълон шудааст, баргузор карда мешавад. Натиҷагирии озмуни мазкур бо интихоб гардидани 4 адади беҳтарини аз лоиҳаҳои пешниҳодгардида амалӣ карда мешавад. Барои лоиҳаи аз ҳамаи Шоҳҷоиза (ба истилоҳ «Гран-при»), барои се ғолиби дигар Дипломҳои дараҷаи 1-ум, дараҷаи 2-юм ва дараҷаи 3-юм тақдим карда мешаванд. Ба ғолибон ғайр аз дипломҳо, инчунин, тӯҳфаҳои хотиравӣ ҳадя карда мешаванд. Барои ҳавасмандгардонии иштирокчиёни дигари озмун Сипосномаҳои Иттифоқи меъморони Тоҷикистон дода мешаванд. Ба ҳайати жюри мутахассисони ботаҷриба аз ҳисоби аъзоёни Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, устодони кафедраи меъморӣ ва дизайни Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ ҷалб карда мешаванд.

# ДАР ХОВАЛИНГ БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ 300 ИНШООТИ ҶАШНӢ БА ИСТИФОДА СУПОРИДА ШУД

**Дар ростои истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи баландкуҳи Ховалинг наздик ба 300 биною иншооти ҷашнӣ сохта ба истифода супорида шудааст.**







Сармеъмори ноҳияи Ховалинг Иноятулло Ҳоҷизода дар суҳбат ба хабарнигорамон гуфт, ки бунёди биною иншооти ҷашнӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Барномаи рушди корҳои ободонию бунёдкориҳо дар ноҳияи Ховалинг дар давраи солҳои 2018-2021 дар доираи талаботи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 майи соли 2018 «Оид ба омодагиҳои ҳамаҷониба бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шудааст. Тибқи Барномаи рушди корҳои ободонию бунёдкориҳо дар ноҳияи Ховалинг дар давраи солҳои 2018-2021 сохтмони 330 бинову иншооти дорои таъиноташон гуногун пешбинӣ гардида, корҳои сохтмонӣ то имрӯз дар 300 бинову иншоот ба анҷом расонида шудааст. Ҳамзамон корҳои сохтмонӣ дар дигар иншооти давлатию хусусӣ дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳоти Шугнов, Ғаффор Мирзо, Лоҳутӣ, Ҷомбахт, Ховалинг алҳол босуръат идома доранд, - меафзояд Иноятулло Ҳоҷизода.

Мавсуф афзуд, ки бо мақсади ободу зебо гардонидани марказ ва маҳаллаю деҳоти ноҳия дар доираи омодагӣ ба ҷашни Истиқлоли давлатӣ биною иншооти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маишӣ ва хизматрасонӣ, назири Боғи фарҳангу фароғатӣ бо ҷойгир намудани Парчам ва Нишони давлатӣ, Амфитеатр, 5 варзишгоҳи хурд, толори варзишӣ, майдони бозиҳои кӯдакона, майдончаҳои варзишӣ, ҳаммом, сартарошхона, кошонаи ҳусн, нонвойхона, дорухона меҳмонхонаҳои замонавӣ, маркази омӯзиши забонҳо, мактаб, синфхонаҳои иловагӣ, маркази саломатӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, осорхона, китобхона, тӯйхона, чойхона, гӯшаи деҳқон, пул, сохтмони чоҳҳои амудӣ, маҷмааи бисёрошёнаи хонаҳои истиқоматӣ, марказҳои хизматрасонӣ, мағозаи фурӯши молҳои омехта ва сохтмонӣ, конселлиарӣ, бинои ҷамоати деҳоти Шугнов ва Лоҳутӣ, бинои филиали «Амонатбонк» ва дигар марказҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ сохта, ба истифода дода шудаанд. Мавриди зикри хос аст, ки бунёди иншооти дорои таъиноти гуногун ба беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии сокинони ин ноҳияи куҳистон ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, баланд гардидани вазъи иқтисодии ноҳия мусоидат менамоянд.

Ҳамзамон бо мақсади татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - саноатикунонии босуръати мамлакат дар ноҳияи Ховалинг, ки дорои имкониятҳои фаровони истеҳсолию кишоварзӣ аст, сохтмони корхонаю коргоҳҳои хурди саноатию истеҳсолӣ, аз қабили коргоҳҳои коркарди шир, макарон, қаннодӣ, мевахушкнамоӣ, истеҳсоли обҳои нӯшокӣ, коркарди чӯб, дӯзандагӣ, хиштбарорӣ, нуқтаи таъмири мошинҳо, комплекси чорводорӣ ва дӯкони мевафурӯшӣ, фабрикаи паррандапарварӣ, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва дигар коргоҳҳои хурд мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд, ки барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия нақши муассир мебозанд.

Дар раванди корҳои бунёдкорӣ вобаста ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Ховалинг




новаҳои обгузари кӯчаи ба номи Мирзо Турсунзода ва маҳаллаи сохтмончиён ва хатҳои барқ азнавсозӣ, қубурҳои оби нӯшокӣ дар маркази ноҳия иваз карда шуданд. Инчунин роҳҳои байни кӯчаю маҳаллаҳо таъмир ва мумфарш, роҳҳои байни деҳаҳо сангфарш, кӯчаю хиёбонҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишини ноҳия чароғон гардиданд.

Дар доираи эълон гардидани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», ки ҳадафаш баланд бардоштани сатҳу сифати мардуми деҳот, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад, дар ноҳияи Ховалинг сохтмони 4 адад марказҳои савдою хизматрасонӣ бо ҷойгир намудани дастгоҳҳои дӯзандагӣ, дорухона ва ошхона, инчунин маркази ҳунарҳои халқӣ ва мағозаи фурӯши маҳсулоти дасти ҳунармандон таъсис дода шудаанд, ки ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ва эҳёи он дар ин ноҳияи баландкуҳи кишвар мусоидат менамоянд.

Бо назардошти имкониятҳои хоси сайёҳӣ ва манзараю табиати нотакрори Ховалинг бо мақсади ҷалб ва қабули ҳарчӣ бештари сайёҳон дар ноҳияи Ховалинг 5 меҳмонхонаи замонавӣ, 10 хостел, инчунин тарабхона, мағозаи фурӯши армуғон бунёд карда шудаанд. Меҳмонхонаи «Манзара», ки дар Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Султон Увайси Қаранӣ ҷойгир аст, дорои 32 ҳуҷра буда, имкони дар як вақт ба 100 нафар хидмат расониданро дорад. Тарҳу намои бино ба талаботи меъморӣ ҷавобгӯ буда, дар он тамоми унсурҳои миллӣ ба инобат гирифта шудааст. Инчунин дар маркази ноҳияи Ховалинг меҳмонхонаи замонавии «Чилчанор» ва дар Дараи Мухтор меҳмонхонаи «Восеъ» сохта, ба истифода дода шудаанд, ки дар рушди инфрасохтори бахши сайёҳии ноҳияи Ховалинг нақши арзишманд мегузоранд.

**Марзия САИДЗОДА**

КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

az «24» июни соли 2021, №124/ф, ш. Душанбе

**Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2009, №2ф 120.030.030.**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 6 Қоидаҳои нархгузории корҳои сохтмонӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, №324 тасдиқ шудааст ва бандҳои 4, 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Ба меъёрҳои унсурии харҷномавӣ ба корҳои сохтмон (МУХ ҶТ-2007). Маҷмӯаи №4 «Чоҳҳо», ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2009, №2ф «Дар бораи тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба нархгузорӣ ва меъёрҳои харҷномавӣ дар сохтмон» тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2009, №483 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, иловаҳо ворид карда шаванд.

***2.*** Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

***3.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси кумита - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

*Раиси Кумита* *Маҳмадсаид Зувайдзода*

***Фармоиш дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2021 таҳти №483[1] ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.***

КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «24» июни соли 2021, №125/ф, ш. Душанбе

**Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2009, №2ф 120.030.030.**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 6 Қоидаҳои нархгузории корҳои сохтмонӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, №324 тасдиқ шудааст ва бандҳои 4, 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Ба меъёрҳои унсурии харҷномавӣ ба корҳои сохтмон (МУХ ҶТ-2007). Маҷмӯаи №5 «Корҳои мехсутунӣ. Пурқувваткунии хокҳо. Чоҳтаҳкурсиҳо», ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2009, №2ф «Дар бораи тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба нархгузорӣ ва меъёрҳои харҷномавӣ дар сохтмон» тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2009, №484 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, иловаҳо ворид карда шаванд.

***2.*** Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

***3.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси кумита - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

*Раиси Кумита* *Маҳмадсаид Зувайдзода*

***Фармоиш дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2021 таҳти №484[1] ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.***

# ПРОЕКТНО-КОНСТРУКТОРСКОМУ ТЕХНОЛОГИЧЕСКОМУ ИНСТИТУТУ ОАО «СЕЛЬТЕХПРОЕКТ» ИСПОЛНИЛОСЬ 30 ЛЕТ!

**<<< Начало на стр. 11 <<<**

комплекс Федерации футбола РТ», «Центральный стадион на 30 000 зрителей», «Объекты 201-й военной базы РФ», здания «Рогунской ГЭС», линия «CASA-1000», газопровод Туркменистан-Таджикистан-Китай и многие другие вполне имеют общереспубликанское значение. Считаю своей гордостью быть экспертом при строительстве таких значимых для республики объектов.

В период рассмотрения проектной документации, порой приходится работать непосредственно с иностранными специалистами. При этом приходится им доказывать правоту отечественных нормативов, также обосновывать и отстаивать наши замечания. Среди иностранных компаний, со специалистами которых мы часто дискутировали, спорили на предмет соответствия их проектов на отечественные нормы, и решали вопросы, могу перечислить наименование компаний, таких как «Codest International» (Италия), «Ozgun Insaat» (Турция), «TBEA» (КНР), «Enka Insaat» (Турция), «Ростовгипрошахт» (РФ), «Qatari Diar»



С ПРАЗДНИКОМ ВАС, СТРОИТЕЛИ!



Строитель – самая востребованная профессия на земле

рассматриваются многие вопросы строительного комплекса с целью дальнейшего их претворения на производстве с учетом мнений специалистов стран- участниц и специфики государств.

День строителя, который празднуют более полувека, является поводом для подведения итогов работы отрасли. В нынешнем году специалисты Агентства по строительству и архитектуре при Правительстве Республики Таджикистан приняли активное участие в подготовке

Абдували Хакимович КОМИЛОВ, Директор Агентства по строительству и архитектуре при Правительстве Республики Таджикистан

Геополитическая особенность расположения Таджикистана в мире, особенно

(Катар), «Созидание» (РФ), «Узтиблоиха» (Узбекистан) и другие.

***- Как Вам удается справляться своими прямыми обязанностями директора ОАО «Сельтехпроект» и одновременно быть нештатным экспертом Управления государственной экспертизы?***

- Дело в том, что одна из них моя любимая работа, а другая - можно сказать «хобби». Быть архитектором-проектировщиком и одновременно работать экспертом, с одной стороны закаляет опыт, а с другой стороны вдохновляет к новым достижениям. Помимо этого у меня есть и другие общественные обязательства. Мне также предоставляет удовольствие еще, и работать в научно-техническом Совете при Комитете архитектуры и строительства, при обсуждении проектных текстов новых нормативных документов. Мною составлены десятки рецензий на принимаемые новые нормативы.

***- И в заключении мой последний вопрос, скажите, имеете ли Вы какие-нибудь государственные награды?***

- В 2018-году за плодотворную деятельность и за внесённый достойный вклад в развитии сферы строительства, архитектуры и градостроительства Комитет архитектуры и строительства при Правительстве РТ удостоил меня Почётной Грамотой. Надеюсь, это не последнее, чего могу сделать я в развитии и процветании сферы строительства, архитектуры и градостроительства в нашей республике.

**Беседу вела ТАБАРОВА Д.Н., главный редактор газеты «Рузномаи бинокорон» («Строительная газета»)**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ҶАВҲАРИ АСОСИИ ЗИНДАГИИ МИЛЛАТ АСТ

**Истиқлолияти мо калиди соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду соҳибфарҳанги тоҷик аст...**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Дар таърихи навини Тоҷикистон 9 сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, ин сана барои миллати тоҷик ҷашни муқаддас маҳсуб мешавад. Тоҷикон аз қадимулайём миллати озодпарасту озодихоҳ буданд. Солҳои сол дар дил орзуи озодиро мепарвариданд. Бо амри тақдир ва бар асари таҳаввулоти фарогирии сиёсиву иҷтимоии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё ва эъмори давлати миллии худ ноил гардид. Истиқлолият дар таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик ин воқеаи хеле бузург буд. Вале Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар мардум бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯ ба рӯ гардид. Халқи тоҷик аз ҷумлаи он миллатҳоест, ки марзу буми худро хеле дӯст медорад ва барои ҳастии он ҷоннисорӣ мекунад. Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст.

Дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ Худованд ба халқи тоҷик Пешвоеро ато кард, ки миллату давлати моро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намуда, Тоҷикистони соҳибистиқлолро обод ва ҷанги бародаркушро хотима бахшиданд. Сарвари давлати тоҷикон пайваста тамоми кӯшиши худро ба харҷ медиҳанд, то мардум зиндагии шоиста дошта бошанд. Дастоварди бузургтарини мо дар тӯли 30 соли истиқлолият барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдории миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид. Пас аз ба даст даровардани истиқлолият Тоҷикистон фавран ба гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ намуд. Пеш аз ҳама, дар ҷумҳурӣ базаи ҳуқуқии ислоҳоти иқтисодӣ дида баромада шуд. Дар ин бора қабули қонунҳо оид ба моликият, кооперативҳо, соҳибкорӣ, дар бораи андози даромад, буҷети давлатӣ, пардохти истифодаи замин ва ғайраҳо шаҳодат медиҳанд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ шаклҳои гуногуни моликият: хусусӣ, коллективӣ ва давлатӣ вуҷуд дорад. Ҷумҳурӣ тавонист пули миллии худро ҷорӣ намуда, хусусигардонии амвол ва бозори пулиро ташкил диҳад. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони НБО Сангтӯда 1-2, Помир-1, Роғун, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, сохтмони шоҳроҳи «Роҳи абрешим бунёди нақбҳои «Анзоб», «Шаҳристон», «Шар-шар» ва «Чормағзак», сохтмонҳои қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди Душанбе-Хоруғ-Мурғоб, Душанбе-Рашт-Саритош, Душанбе-Хуҷанд-Чанак, Қулма-Қароқурум ва ғайра аз иқдомҳои Пешвои миллат буданд, ки боиси пешрафту тараққиёт гашта, мардум аз азияти ағбаҳои хатарнок растанд ва имкон фароҳам омад, ки ҳаракати нақлиёт дар дохили мамлакат ва берун аз он тамоми фаслҳои сол имконпазир бошад ва дар ин замина вазъи равуо ва боркашонӣ ба манотиқи гуногуни кишвар сад дар сад беҳтар гардад. Инчунин даҳҳо иншоот сохта ба истифода дода шудаанд, ки пурра иҷро гардидани онҳо ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар қатори давлатҳои мутараққӣ хоҳад гузошт. Фарҳанг ва маданияти ҷумҳурӣ низ баъди ҷанги шаҳрвандӣ зарари калон дид, аммо натиҷаҳои он бо шарофати Президент ва сиёсати хирадмандонаи ҳукумат бартараф шудаанд. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои рушди соҳаи китобдорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули як қатор санадҳо, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Барномаи давлатии рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015», «Барномаи давлатии рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015», «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013», «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» қабул гардиданд, ки ҳамчун омили ҳуқуқӣ ва таъминкунандаи масоили иқтисодӣ дар рушди соҳа замина гузоштанд. Аз ҷумла, мавриди истифода қарор гирифтани бинои наву замонавии Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» натанҳо дар замони истиқлолият, балки дар таърихи халқу миллати тоҷик дастоварди бесобиқа маҳсуб меёбад ва аз иқдомҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори Сулҳу Ваҳдат - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад.

Бе инкишофи маориф пешравии мамлакат ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз дар ҷумҳурӣ қариб зиёда аз 700 ҳазор мактабҳо ба таҳсил шурӯъ карданд. Теъдоди литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо рӯз то рӯз меафзоянд. Китобҳои дарсӣ ва дастурамалҳо аз соҳаҳои гуногуни илмӣ чоп мешаванд. Шабакаҳои нави телевизионии Тоҷикистон таъсис дода шуданд, ки дар онҳо барномаҳои фарҳангӣ, тарбиявӣ ва намоишӣ нишон дода мешаванд, ки ин ҳама бо шарофати соҳибистиқлол будани Тоҷикистони азизамон мебошад.

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст. Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ нишонаи пойдориву бақои он мебошад. Зеро дар дунёи пуртазоди муосир миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад. Шукргузори онам, ки миллати бузурги тоҷик имрӯз давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва соҳибистиқлол гардидааст. Акнун барои халқи тоҷик чун обу ҳаво ваҳдати миллӣ зарур аст. Танҳо якдилона мо бо ваҳдат ва меҳнати якдилона мо метавонем, истиқлолияти худро ҳифз намоему ватани азизамонро ободу зебо гардонем. Бешубҳа оромиву шукуҳи ҳар як давлату миллат бар дӯши ҳар як шаҳрванди он вобаста аст, махсусан насли ояндасози миллат ҷавонон. Бале, мо ҷавонон бояд хуб дарк намоем, ки оянда тақдири халқу давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол бар дӯши мо гузошта мешавад. Ин рисолати хайр, яъне ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани сарзамини аҷдоди ва Ватани азизи хеш масъулияти бузург дорад ва ҳар яки моро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ пойдориву устувории давлати соҳибихтиёри худ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кӯшишу талош намоем. Ва инчунин барои устувор намудани пояҳои истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ ва эҳёи дурахшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузурге бар дӯш дошта бошем.

Дар ҳақиқат фазои озодиву сулҳу осоиштагӣ ва ваҳдату ягонагист, ки имрӯзҳо мо озодона дар тамоми ҷанбаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа озодона метавонем кор ва фаъолият намоем. Имрӯз ҳамаи мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ ва нерӯи такконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад. Аз ин лиҳоз, орзу мекунам, ки 30 соли истиқлолият чун 30 зинаи камолоти миллату давлат дар дили ҳар як фарзанди бонангу номуси Тоҷикистон оташи меҳр, ҳамдиливу ҳамфикриро фурӯзон нигоҳ дорад ва донаҳои умеду эътимодро ба фардои неки Ватан ба нумуъ оварад. Бигзор, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот поянда, ормонҳои волои истиқлолият ва ҳадафҳои наҷиби созандагӣ роҳнамои ояндаи неки пиру ҷавони мамлакат гардад! Бигзор, истиқлолияти давлати тоҷикон, ки атои Худованди ва пайки ҷовидонист, то абад устувору поянда бошад!

**Валиев ҶАМИЛ,**
**корманди Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

***Индекси обунаи рӯзнома:*** 69022
***Суратҳисоби бонкии рӯзнома:*** **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ҶТ «Амонатбонк»**

***Муассис:***
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Учредитель:***
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг тахти №0178 ва 17 марти соли 2009 тахти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»**
***- БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ***

***Сардабир***
**Дилбар ТАБАРОВА**

***Ҳайати таҳририя***
**М. ЗУВАЙДЗОДА**
**А. КАРИМЗОДА**
**А. САФАРЗОДА**

***Саҳифабанд***
**Дониёр САТТОРОВ**

***Нишонии идораи рӯзнома:***
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-39, 227-22-07**

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.

***Арзиши солонаи обуна:***
88 сомонӣ

***Хабарнигорон:*** Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)
*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ маводибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.*